Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-045 назди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров (735700, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1, http://www.hgu.tj)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Назаров Акбар Шарифович ба диссертатсияи Абдуллоев Акмал Абдуҷабборович дар мавзӯи "Воситаҳои инструменталии муайян намудани самаранокии амнияти иттилоотӣ дар таълими фосилавӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050605 - Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) пешниҳод гардидааст.**

## 1. Мутобиқати диссертасия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.

Диссертатсияи Абдуллоев Акмал Абдуҷаборович дар мавзӯи "Воситаҳои инструменталии муайян намудани самаранокии амнияти иттилоотӣ дар таълими фосилавӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600 - Иктисодиёт (6D050605- Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) ба бандҳои зерини шиносномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050605 - Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иктисодиёт): 1.10 Таҳия ва рушди методҳо ва моделҳои математикии идоракунии хавфи иттилоотӣ; 2.11. Рушди методҳои иқтисодии таъмини бехатарии иттилоотӣ дар системаҳои иҷтимоӣ-иктисодӣ мувофиқат мекунанд.

## 2. Мубрамии мавзуи тадқиқот.

Инкишофёбии низоми таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат ба тараққиёти технологияҳои иттилоотӣ ва паҳншавии шабакаҳои компютерӣ муносибати нисбатан нав ва масъулиятнокро тақозо менамояд. Татбиқи низоми таҳсилоти фосилавӣ нишон медиҳад, ки он дар асоси фаъолияти низоми иттилоотии муассисаҳои

таҳсилотии олии касбӣ, дар доираи шабакаи компютерии дохилимуассисавӣ (корпоративӣ) баҳри таъмини алоқаи интерактивии муҳассилин ва омӯзгорон бо истифода аз web-захираҳо амал менамояд. Дар раванди фаъолият, низоми таҳсилоти фосилавӣ ба як қатор таъсирҳои беруна ва дохилии тасодуфӣ ва ғаразнок дучор мегардад, ки ба зарурати таъминоти амнияти иттилоотӣ ниёз пайдо мекунад. Барои коҳиш додани таъсирҳои манфӣ ва пешгирӣ намудан аз хатарҳои тасодуфӣ ва ғаразнок, таъминоти амнияти иттилоотӣ бо истифода аз усул ва воситаҳои махсуси ҳифзи иттилоот зарур арзёбӣ карда мешавад.

Дар замони муосир барои баҳодиҳии самаранокии амнияти иттилоотӣ дар низоми таҳсилоти фосилавӣ муносибатҳои гуногун истифода мешаванд. Новобаста ба ин аксарияти чунин системаҳои таъминоти амнияти иттилоотӣ барои шабакаҳои мушаххас мутобиқ карда шудаанд. Густариши низоми таҳсилоти фосилавӣ ногузир таҳияи муносибати навро барои арзёбии самаранокии таъминоти амнияти иттилоотӣ тақозо менамояд. Таҳлили корҳои илмӣ нишон медиҳад, ки таҳқиқи таъминоти самаранокии амнияти иттилоотӣ барои ҳалли масъалаҳои мухталифи низоми таҳсилоти фосилавӣ, моделсозӣ ва оптималигардонии системаи ҳифзи маълумот маҳсуб меёбад. Новобаста ба корҳои иҷрошуда дар самти таҳқиқи самаранокии таъмини амнияти иттилоотӣ дар раванди низоми таҳсилоти фосилавӣ ҳифзи иттилоот, таъминоти барномавии он ниҳоят кам ба назар мерасанд. Дар ин росто таҳқиқи воситаҳои инструменталии таъмини амнияти иттилоотӣ дар низоми таҳсилоти фосилавӣ муҳим ва саривақтӣ ба ҳисоб рафта, бахусус амсиласозии эконометрикии ин раванд зарур арзёбӣ карда мешавад. Боиси таъкид аст, ки ташкили раванди таҳсилоти фосилавӣ дар мактабҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити инкишофёбӣ қарор дошта, бевосита барои таъминоти бехатарии иттилоот, барномасозии махсус ва дар ин радиф ба амсиласозии муқаррар намудани самараноки ин раванд ниёз дорад. Зеро бе таъмини амнияти иттилоот ва амсиласозии муайян намудани самранокии ин раванд, самаранокии фаъолияти низоми таҳсилоти фосилавӣ имконнопазир

мегардад. Бинобар ҳамин таҳқиқоти Абдуллоев Акмал Абдуҷаборович дар мавзӯи “Воситаҳои инструменталии муайян намудани самаранокии амнияти иттилоотӣ дар таълими фосилавӣ” саривақтӣ буда, мубрамияти худро ифода менамояд.

**3. Сохтор ва таркиби диссертатсия.**

Сохтор ва таркиби диссертатсия мақсад ва масъалаҳои тадқиқотро пурра инъикос менамояд. Он аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқот ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад, ки 167 саҳифаи матни компютериро дар бар гирифта аз 5 ҷадвал, 8 расм ва 136 адад номгӯи адабиёт иборат аст.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи тадқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, объекти таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, мавзӯи таҳқиқот, сарчашмаи таҳқиқот, асосҳои метадологии таҳқиқот, пойгоҳи таҳқиқот, сарчашмаи таҳқиқот, асосҳои метадологии таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия оварда шудааст. (с. 4-12).

**Дар боби якум “Низоми таълими фосилавӣ ва зарурати арзёбии амнияти иттилоот”** унвонҷӯ мӯҳтавои сохтор ва навъҳои низоми таҳсилоти фосилавӣ, меъёрҳои арзёбии хатарҳо ва амният, усул ва алгоритмҳои амнияти иттилоот дар низоми таҳсилоти фосилавӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқот қарор додааст. (с. 13-58). Дар доираи ин боб, Абдуллоев А.А. дуруст таъкид менамояд, ки “низоми таҳсилоти фосилавӣ ин маҷмуи қисматҳои иттилоотӣ, барномавӣ ва техникӣ мебошад, ки раванди таълимро ташкил ва автоматӣ мекунонад. Дар низоми мазкур коркарди иттилоот, раванди таълим ба тарзи электронӣ ба роҳ монда шудааст. Бинобар ин барои фаъолияти самаранок ва бехатари ин низом, таъмини амнияти иттилоотӣ аҳамияти бениҳоят муҳим дорад”. (с. 25-40). Дар бобати усулҳо ва алгоритмҳои аминяти иттилоотӣ дар таълими фосилавӣ Абдуллоев А.А. дуруст қайд менамояд, ки “татбиқи НТФ бо усулҳои инноватсионии омӯзиши онҳо метавонад ба ҳалли мушкилоти асосии иҷтимоӣ бо роҳҳои зерин

мусоидат кунад: қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба хизматрасониҳои таълимӣ; қонеъ гардонидани талаботи кишвар ба мутахассисони босифат омодашуда; баланд бардоштани ҳаракати иҷтимоӣ ва касбии донишҷӯён; фаъолияти иҷтимоии онҳо; сатҳи худшиносӣ; васеъ кардани уфуқи равонии онҳо; ҳифз ва афзоиши дониш; иқтидори инсонӣ ва моддӣ; ҷамъоварии таҳсилоти олии миллӣ; рушди фазои ягонаи таълимӣ дар дохили кишвар ва тамоми ҷомеаи байналмилалӣ, ки имконияти гирифтани таҳсилотро дар ҳама ҷо дар фазои таълимӣ пешбинӣ мекунад". (с. 46-47).

**Дар боби дуюми диссертатсия "Амсиласозии арзёбии самаранокии амнияти иттилоотии низоми таҳсилоти фосилавӣ"** нишондодҳои самаранокии амнияти иттилоотии таҳсилоти фосилавӣ, алгоритми муайян намудани нишондиҳандаҳои самаранокии таҳсилоти фосилавӣ ва амсилабандии самаранокии амнияти иттилоотии таҳсилоти фосилавӣ мавриди таҳқиқ карда шудаанд (с. 59-103).

Ҳангоми таҳқиқи нишондодҳои самаранокии амнияти иттилоотии таҳсилоти фосилавӣ Абдуллоев А.А. дуруст таъкид менамояд, ки "арзёбии самаранокии системаҳои амнияти иттилоотӣ (САИ), ки муҳофизатро аз дастрасии беиҷозат (ДБ) таъмин мекунанд, кори хеле душвор аст. Таҳлили усулҳои мавҷуда оид ба арзёбии самаранок имкон медиҳад, ки ду гурӯҳи асосиро тасниф намоем. Усули баҳодиҳии техникӣ мундариҷаи гурӯҳи аввали самаранокиро муайян мекунад, аммо чун қоида, паҳлӯи иқтисодии ин масъала сарфи назар карда мешавад. Дар мавриди дигар, барои ба назар гирифтани нишондиҳандаҳои иқтисодӣ кӯшиш карда мешавад. Дар гурӯҳи дувум, хусусиятҳои эҳтимолӣ-муваққатии ҷараёни фаъолият ва хизматрасонии НТФ таҳқиқ карда мешаванд. Арзёбии самаранокии САИ на танҳо ҳифзи дороиҳои иттилоотиро баррасӣ менамояд, инчунин дороиҳои дигаре сарфи назар карда мешаванд, ки онҳо низ дучори таҳдидҳои гуногун мешаванд. Меъёрҳои арзёбии самаранокӣ ин таносуби вақти сарфшуда барои муайянсозии вайронкор барои бартараф кардани низоми муҳофизат ва давраи фаъолияти дороиҳои иттилоотии ҳифзшаванда мебошанд." (с. 63-64).

Чунин муносибат ба муаллиф имон фароҳам овард, ки алгоритми муайян намудани нишондиҳандаҳои самараноки таҳсилоти фосилавиро ба воситаи баробариҳои математикӣ, вобаста ба арзиши омода намудани мутахассисони соҳибтаҷриба муқаррар намояд. (с. 68-78).

**Дар боби сеюм "Арзёбии самараноки иқтисодии ҳифзи иттилоотӣ"**, аз тарафи Абдуллоев А.А. шабакаи компютерии МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" ва самаранокии ташкили таъмини амнияти шабакаи компютерӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст (с. 104-145).

Муаллиф куллан дуруст қайд менамояд, ки "истифодаи густурдаи интернет бо мақсадҳои таълимӣ омилест, ки ҳаёти корбарон ва мутахассисони амнияти компютериро душвор мегардонад, зеро вақте ки системаи таҳсилоти фосилавӣ ба интернет пайваст мешавад, периметри таҳдидҳо номаълум мегардад ва дахолат ба системаи компютерӣ аз берун аз минтакаи назоратшаванда имконпазир аст. Серверҳои таъиноти умумӣ бори гарони ҳамлаи таҳдидҳои амниятро аз берун, яъне аз интернет мегиранд. Firewall (Брандмауэр) система ё маҷмӯи системаҳоест, ки ба мо имкон медиҳад то шабакаро ба ду ё зиёда қисм тақсим кунем ва маҷмӯи қоидаҳоро амалӣ кунем, ки шартҳои интиқоли пакетҳоро аз як қисм ба дигараш муайян мекунанд. Чун қоида, ин сарҳад байни шабакаи маҳаллӣ ва интернет муайян карда мешавад. Ҳамин тариқ, брандмауэр тамоми трафикро тавассути худ мегузаронад. Барои ҳар як бастаи гузашта, брандмауэр қарор қабул мекунад, ки ба он иҷозат диҳад ё роҳ намедиҳад". (с. 115).

Барои таъмини самаранокии амнияти иттилоотӣ, унвонҷӯ номгӯи дастгоҳҳои заруриро баён менамояд, ки ҳангоми истифодаи якҷоя амнияти иттилоотиро таъмин менамоянд. (ҷадвали 3.2.2. с. 127). Ақидаҳои худро Абдуллоев А.А. ба воситаи амсилаи таъминоти бехатарӣ асоснок намудааст, ки ҷолиби диққат мебошад. (с. 133-143). Дар ин росто муаллиф куллан дуруст хулоса мекунад, ки "барои самаранoктар истифода бурдани иттилоот дар давоми давраи ҳаётии он, чунин тарзи паҳнкунии онро интихоб кардан лозим аст, ки дар он самараи истифодаи иттилоот бо назардошти оқибатҳои

мусбат ва манфӣ ба арзиши ҳадди аксар расида бошад. Бо ин равиш, маҳдуд кардани паҳнкунии иттилоот ба як муддати муайян яке аз роҳҳои идоракунии захираи иттилоотии соҳибмулк бо мақсади ба даст овардани самараи ҳадди аксар аз истифодаи он иборат мебошад”. (с. 144).

Дар хулоса ва пешниҳоди истифодабарии амалии натиҷаҳои таҳқиқот тавсияҳои хусусияти назариявӣ ва амалидошта ҷамъбаст карда шудааст. (с.146-150)

**4. Дараҷаи асоснокии дастовардҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда**

Мукарраротҳои илмии дар диссертатсия ифода ёфта аз ҷиҳати хислатҳои муосири тадқиқоти гузаронидашуда асоснокии худро тавсиф менамояд. Амалигардонии таҳлили назариявӣ ва методологӣ вобаста ба арзёбии самаранокии амнияти иттилоотӣ дар таҳсилоти фосилавӣ муаллиф дар асоси таҳлили манбаъҳои иттилоотӣ дохили ва хориҷӣ, инчунин низоми таҳсилоти фосилавӣ ва шабакаи компютерии МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” амсила ва алгоритми ҳалли масъалаи таъминоти аманияти иттилоотиро таҳия намудааст. Натиҷаи назарраси таҳқиқоти гузаронидашуда дар хулосаҳои назариявӣ ва пешниҳодҳои амалии муаллиф оид ба арзёбии самаранокии амнияти иттилоотӣ ифода ёфтаанд. Аз мутолиаи диссертатсия муайян гардид, ки уновонҷӯ амсила ва усулҳои гуногуни иқтисодӣ-математикиро таҳлил намуда, дар асоси омезиш алгоритмҳои таъминоти амнияти иттилоотиро дар низоми таҳсилоти фосилавӣ пешниҳод намудааст, ҷолиби диккат мебошанд. Тавсияҳои аз тарафи муаллиф пешниҳодгардида оид ба таъмини амнияти иттилоот дар низоми таҳсилоти фосилавӣ арзиши баланди илмӣ дошта, татбиқи амалии он дар мактабҳои олии кишвар барои инкишоф додани таҳсилоти фосилавӣ накши муассирро иҷро карда метавонад.

Шиносоӣ бо диссертатсияи тақризшаванда нишон дод, ки дар он муаллиф дар асоси истифодабарии усулҳои маъмули тадқиқоти иқтисодӣ бо

дарназардошти ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқот ба як қатор натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гардидааст.

**5. Аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар рушди минбаъдаи амсиласозии иқтисодӣ ва математикӣ дар соҳаи таъминоти амнияти иттилоотии низоми таҳсилоти фосилавӣ, коркарди моделҳо алгоритмҳо дар шароити иқтисоди рақамӣ, истифодаи эҳтимолии таҳдид дар ташаккули шабакаи компютерии корпоративӣ ифода меёбанд. Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки истифодаи методология ва алгоритмҳои самаранокии амнияти иттилоотии низоми таҳсилоти фосилавӣ, нишондодҳои самаранокии таълим, баҳри баланд бардоштани сифати таҳсилот ва афзоиши теъдоди донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилотии олии касбии мамлакат мусоидат менамояд.

**6. Инъикоси натиҷаҳои кори диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ**

Мақолаҳои интишоршудаи унвонҷӯ, хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия мавҷудбударо инъикос менамоянд. Натиҷаи диссертатсионӣ дар 5 мақола дар маҷаллаҳои аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда ва 4 мақола дар дигар сарчашмаҳо чоп карда шудаанд. Интишороти унвонҷӯ натиҷаҳои асосии диссертатсияро фарогир мебошад. Дар мақолаи илмии муаллиф натиҷаҳои асосии таҳқиқот ба таври лозима инъикос гардидаанд.

**7. Саҳеҳӣ ва навгонии илмии тадқиқот ва натиҷаҳои бадастомада.**

Дар асоси дуруст муайян намудани ҳадаф, вазифаҳо, предмет ва объекти таҳқиқот ба докторант муяссар гардид, ки доир ба усулҳо ва алгоритми арзёбии самаранокии таъмини аминяти иттилоот дар низоми таҳсилоти фосилавӣ, муқаррароти дақиқ ва асоснокшудаи илмиро баён намояд. Натиҷаҳои асосӣ ва назарраси илмии диссертатсия дар чунин нуқтаҳои навгонӣ инъкиос ёфтаанд:

- гурӯҳбандии самтҳои татбиқи низоми таҳсилоти фосилавӣ бо дарназардошти низоми амнияти иттилоотии он муайян карда шуда, масъалаҳои вуҷуддошта таснифот ва ҷамъбаст шудааст. Таҳлили ҳолати

таъмини самаранокии амнияти иттилоотӣ имконият фароҳам овард, ки афзалиятҳо ва хусусияти онҳо муайян карда шуда, ояндабинии он бо нишон додани мақсад ва вазифаҳои амнияти иттилоотӣ муайян карда шавад;

- унсурҳои инструменталӣ ва амсилаи ифодаёбии самаранокии иқтисодии низоми амнияти иттилоотии таҳсилоти фосилавӣ тартиб додашуда, дар асоси он маҷмӯи зарарҳои эҳтимолии иқтисодӣ ба воситаи таҳияи амсилаи иқтисодӣ-математикии махсус муайян карда шудааст;

- нишондиҳандаҳо ва алгоритми муқаррар намудани самаранокии иқтисодии фаъолсозии низоми таҳсилоти фосилавӣ ва таъминоти амнияти иттилоотии он муайян карда шудаанд, ки аз тарафи унвонҷӯ гурӯҳбандӣ карда самаранокии низоми таҳсилоти фосилавӣ ва таъмини амнияти иттилоотии ин ҷараёнро таъмин менамояд;

- бо дарназардошти арзёбии эҳтимолии таҳдид ба амнияти захираҳои иттилоотии низоми таҳсилоти фосилавӣ амсилаи эконометрикӣ барои пешгирӣ ва бартараф намудани онҳо таҳия карда шудаанд. Истифодабарии усулҳои пешниҳодгардидаи ҳимоя ва таъмини амнияти иттилоот дар шабакаи компютерии корпоративӣ, афзалиятҳо ва эътимоднокии онҳо нишон дода шудаанд;

- низоми таҳсилоти фосилавӣ дар МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» ба воситаи усулҳои гуногуни таълим, таъминоти барномавӣ ва низоми идоракунӣ, инфрасохтори шабакавӣ ва низоми амнияти иттилоотии амалкунанда татбиқ карда шуда, воситаҳои инструменталӣ ва алгоритми баҳогузории самаранокии иқтисодии системаи амнияти иттилоотии он муқаррар карда шудаанд;

- муқаррар карда шудааст, ки амнияти объектҳои гуногуни низоми таҳсилоти фосилавӣ аз шумораи донишҷӯён ва воситаҳои амнияти иттилоотӣ вобастагии калон дошта, коҳишёбии самаранокии низоми ҳифзи иттилоот вобаста аз шумораи истифодабарандагон ба таври назаррас нишон дода шудааст.

**8. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосавии пешниҳодҳо дар диссертатсия зикршуда.**

Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаи таҳқиқоти кори илмӣ бадастомада иборат аз таҳлили ҳомаҷонибаи маълумоти назариявӣ ва амалии сарчашмаҳои гуногуни иттилоотӣ, маълумотҳои оморӣ ва амалигардонии коркардҳои муаллиф дар шабакаи компютерии МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” мебошад. Натиҷаҳои тадкиқоти илмӣ дар интишори мақолаҳои муаллиф дар маҷалаҳои тақризшаванда ва дигар сарчашмаҳо ифода ёфтаанд. Хулоса ва натиҷаҳои диссертатсия дар асоси истифодабарии усулҳои маъмули таҳқиқоти илми иқтисодӣ, алалхусус усулҳои таҳлил, омезиш, моделсозии математики, таҳлили эмпирикӣ аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок карда шудааст. Хулосаю пешниҳодҳо оид ба истифодабарии амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар таъмини амнияти иттилооти низоми таҳсилоти фосилавии мактабҳои олии кишвар ва барои омода намудани муттахассисони соҳаи технологияҳои иттилоотӣ нигаронида шудааст.

**9. Мутобиқати автореферат ба муқаррорти асосии диссертатсия**

Автореферати диссертатсия мувофиқи талаботи муайянгардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктор PhD аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050605 - Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) тартиб дода шуда, мӯҳтавои асосии диссертатсияро ифода карда, дар он натиҷаҳои илмии ба даст овардашуда асоснокгардида, ба таври возеҳ баён карда шудааст.

**10. Камбудиҳои тадқиқоти дисертатионӣ.**

Новобаста ба дараҷаи баланди дисертатсияи тақризшаванда, ба фикри мо дар он як қатор норасогиҳоро мушоҳида кардан мумкин аст. Ба онҳо дохил мешавад:

1. Ҳангоми таҳлили захираҳои иттилоотӣ вобаста ба мавзӯи кори илмии таҳқиқшаванда докторант ба корҳои илмии муаллифони хориҷӣ бештар такя намудааст (с.5-6). Истифодаи корҳои илмии олимони тоҷик дар самти амнияти иттилоотӣ кам ба чашм мерасад. Ба андешаи мо, хуб мешуд,

ки зимни таҳлил барои боз ҳам равшантар гардидани вазъи мавзуи таҳқиқшаванда дар Ҷумҳурии Тоҷиикистон асарҳои муаллифони ватанӣ бештар диққат зоҳир карда шавад.

2. Дар диссертатсияи тақризшаванда замимаҳо дида намешавад. Ҷойгир намудани блок-схемаи алгоритми моделҳои пешниҳодгардида, баъзе ҷадвалҳо ва расмҳо дар замима ва ишора ба онҳо дар матни диссертатия мувофиқи мақсад буд.

3. Хуб мешуд, ки натиҷаҳои ҳисоби амалии гузаронидашудаи муаллиф оид ба бартариҳо ва эътимодияти усулҳои арзёбии самаранокии амнияти иттилоотӣ, ки дар диссертатсия баштар оварда шудааст дар автореферат низ акси худро меёфт.

4. Дар тавзеҳномаи диссертатсия (саҳ.20-21) маълумот оид ба деканати электронӣ оварда шудааст. Вале ин мавод барои арзёбии самаранокии амнияти иттилоотӣ мушаххас истифода нагардидааст.

5. Дар боби дуюм унвонҷӯ амсилаи математикии арзёбии самаранокии амнияти иттилоотии низоми таҳсилоти фосилавиро таҳия ва таҳлил намудааст. Беҳтар мешуд агар дар доираи ин боб оид ба таъмини амнияти иттилоотӣ бо истифода аз ин амсилаҳо маълумот бештар пешниҳод карда мешуд.

6. Аз ҷониби докорант 9 мақолаи илмӣ интишор гардидааст. Аммо дар диссертатсия ба мақолаҳои муаллиф истинод (ишора) мушоҳида намешавад.

7. Баъзе аз вожаҳо ва истилоҳот дар диссертатсия таҳрирталаб мебошанд.

Эроду норасогиҳои номбурда ба аҳамияти илмӣ, методӣ ва амалии диссертатсияро коста нагардонида, бештар хислати тавсиявӣ доранд.

**11. Хулосаи умумӣ доир бо диссертатсия.**

Диссертатсияи Абдуллаев Акмал Абдуҷабборович дар мавзӯи “Воситаҳои инструменталии муайян намудани самаранокии амнияти иттилоотӣ дар таълими фосилавӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 Иқтисодиёт (6D050605-

Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) пешниҳод гардида дар сатҳи баланди илмӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ва мӯҳтаво ба талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқат мекунад. Аз ин лиҳоз муаллифи диссертатсия Абдуллоев Акмал Абдуҷабборович сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 Иқтисодиёт (6D050605- Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
мудири кафедраи технологияи иттилоотӣ
ва ҳифзи маълумоти Донишгоҳи техникии
Тоҷикистон ба номи акад. М.Осимӣ А.Ш.Назаров

Имзои А.Ш.Назаровро тасдиқ тасдиқ мекунам
Сардори РК ва КМ, ДТТ ба номи ак. М.С. Осимӣ Н.Ҳ. Қодирзода

*Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734042, ш.Душанбе,*
*хиёбони академикхо Раҷабовҳо 10,*
*тел: +992 (372) 21-35-11 факс: +992 (372) 23-02-40*
*http://www.ttu.tj/tj*

"27" ноябри соли 2023